# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Парвандаи *аттестатсионии №6*

қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.09.2023. Протоколи №6

Дар бораи Умарзода Сафаралӣ Умар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) шурои диссертатсионии 6D.КОА-048, дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67) ба ҳимоя қабул карда шуд.

**Унвонҷӯ** Муаллифи диссертатсия Умарзода Сафаралӣ Умар санаи 18 августи соли 1992 дар шаҳри Кӯлоб кучаи Исмоили Сомонӣ дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Соли 2014 Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашуда хатм намудааст. Солҳои 2015-2016 шуъбаи магистратураи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлобро бо ихтисоси 1-40010202 «Низом ва технологияи иттилоот (дар иқтисодиёт)» хатм намудааст. Аз феврали солҳои 2015-2016 дар вазифаи мутахассиси пешбари маркази тестии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, солҳои 2016-2017 мутахассиси пешбари маркази компютерӣ ва забономӯзӣ Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб кор кардааст. Аз солҳои 2015 то 2017 ба сифати ассистенти кафедраи технологияҳои барномасозӣ ва техникаи компютери-и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб фаъолият намудааст.

Солҳои 2017-2018 мутахассиси пешбари бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон назди шӯъбаи таълими Донишкадаи идоракунии давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2018-2019 сармутахассис оид ба тестии шӯъбаи таълими Донишкадаи идоракунии давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи май то ноябри соли 2019 сармутахассиси мониторенги сифати таҳсилоти шӯъбаи таълими Донишкадаи идоракунии давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2019-2020 сардори маркази тестии Донишкадаи идоракунии давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2021 сардори шуъбаи

тестии Академияи идоракунии давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият кардааст.

Аз моҳи сентиябри соли 2021 сардори шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати академии Академияи идоракунии давлатии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаолият дорад.

**Тақризи муассисаи пешбар.** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар бо имзои раиси семинар, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Саидзода Диловар Абдулаҳад ва мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҷабова Саодат Джамоловна эксперти муқаддамотии муассиса номзади илмҳои педагогӣ, и.в, дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионӣ Абдулҳакимова Ҷанатой Абдурауфовна дар семинари васеъи кафедра аз 7-уми сентябри соли 2023 протоколи №2 ва бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода Аюб Ислом аз таърихи 8-уми сентябри соли 2023, тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад, дар он мубрамияти мавзӯъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ-** доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
2. **Назаров Аҳтам Пулотович --**номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

1. **Хоҷаев Қурбон** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи профессори кафедраи фарҳанг ва забони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат.
2. **Шоҳиён Нуралӣ Набот** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат.
3. **Мирзоев Салим Сайдалиевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими ини Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат.
4. **Мирзоев Шухрат Сайдаҳмадович** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кабинети методии Мактаби байналмиллалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе. Тақриз мусбат.

5. **Шарипов Бегиҷон Рамазонович** – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияҳои барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва математикаи олии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Тақриз мусбат.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯйи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва инчунин бахши «Замимаҳо» иборат аст.

## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. *Мирзоев, А. Р.* Заминаҳои рушди технологияҳои компютерӣ дар татбиқи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни мактаби олӣ / А.Р. Мирзоев, **С.У. Умарзода** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №11. – С. 246-252.

[2-М]. ***Сафарали, У.*** Робитаҳои байнифаннӣ – шарти дидактикии такомули таҳсилоти табиатшиносӣ / У. Сафарали // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №2 (46). – С. 189-195.

[3-М]. ***Сафарали, У.*** Алоқамандии байнифаннӣ – шарти такомулоти илмҳои дақиқ / У. Сафарали // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. – №4 (4). – С. 127-129.

[4-М]. ***Сафарали, У.*** Ҳамгироии илмҳои табиатшиносӣ ва асосҳои методологии татбиқи он / У. Сафарали // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – №4 (80). – С. 144-147.

[5-М]. ***Умарзода, С. У.*** Асосҳои назариявии имкониятҳои эҷодӣ ва мукаммалкунии дониши хонандагону донишҷӯён дар ҷараёни таълим / С.У. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 292-298.

[6-М]. ***Умарзода, С. У.*** Истифодаи барномаи ҳисобкунӣ дар ҳалли масъалаҳо аз статика / С.У. Умарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №1 (11). – С. 156-165.

[7-М]. ***Умарзода, С. У.*** Теоретические основы использования компьютерно – учебных игр в процессе обучения / С.У. Умарзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2022. – №6. – С. 334-342.

[8-М]. ***Умарзода, С. У.*** Дидактические условия способствующие подготовке будущих преподавателей к работе в условиях кредитной системы / С.У. Умарзода // Вестник педагогического университета. – 2022. – №2 (12). – С. 200-204.

[9-М]. ***Умарзода, С. У.*** Шароитҳои психологӣ-педагогии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни мактаби олӣ / Умарзода С.У. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №2. – С. 282-290.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[10-М]. ***Сафарали, У.*** WEB – Сомонаҳо ҳамчун манбаҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳуруии Тоҷикистон / У. Сафарали // Маводҳои конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир тавассути ҳамгироии системаи таълимотии Тоҷикистону Россия». – Душанбе, 2019. – С. 323-325.

[11-М]. ***Сафарали, У.*** Межпредметные связи естественных и математических наук / У. Сафарали // Ба муносибати 30 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Душанбе, 2019. – С. 117-118.

[12-М]. ***Сафарали, У.*** Марҳилаҳои татбиқи консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ / У. Сафарали // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Кӯлоб, 2020. – С. 364-367.

[13-М]. ***Сафарали, У.*** Свойства кристаллов, подвергнутых обработке в газовом разряде / У. Сафарали // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Кӯлоб, 2020. – С. 58-59.

[14-М]. ***Сафарали, У.*** Имзои электронии рақамӣ ва ҳолати татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. Сафарали // Маводи конференсияи академиявии илмӣ-амалии моҳи апрелӣ «Механизмҳои таъмини рушди самараноки идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Душанбе, 2020. – С. 107-110.

[15-М]. ***Сафарали, У.*** Кредитная технология обучения как фактор повышения качества подготовки учителя физики / У. Сафарали // Материалы VI международной научно-практической конференции на тему «Наука и образование в современном мире». – Казахстан, 2020. – С. 134-138.

[16-М]. ***Сафарали, У.*** Совершенствование профессионально-педагогической подготовки преподавателей к работе в условиях кредитной технологии обучения / У. Сафарали // Материалы VI международной научно-практической конференции на тему «Наука и образование в современном мире». – Казахстан, 2020. – С. 178-181.

[17-М]. ***Сафарали, У.*** Обучение приемам мыслительной деятельности учащихся на уроках физики / У. Сафарали // Материалы VI международной научно-практической конференции на тему «Наука и образование в современном мире». – Казахстан, 2020. – С. 131-133.

[18-М]. ***Сафарали, У.*** Пардохтҳои бонкӣ дар асоси пулҳои электронӣ ва системаҳои пардохти электронӣ / У. Сафарали // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ». – Душанбе, 2020. – С. 327-329.

[19-М]. ***Сафарали, У.*** Таърихи пайдоиши тараққиёти техникаи ҳисоббарор ва зинаҳои инкишофи МЭҲ / У. Сафарали // Маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар». – Душанбе, 2020. – С. 159-163.

[20-М]. ***Сафарали, У.*** Ҷомеаи иттилоотӣ ва аҳмияти инқилобҳои иттилоотӣ / У. Сафарали // Маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар». – Душанбе, 2020. – С. 180-184.

[21-М]. ***Умарзода, С. У.*** Ҳифзи иттилоот дар раванди хизмати давлатӣ / С.У. Умарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, моделҳои муосири самараноки он». – Душанбе, 2021. – С. 241-245.

[22-М]. ***Умарзода, С. У.*** Повышение качества подготовки будущего учителя в условиях кредитной технологии обучения / С.У. Умарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Идоракунии зиддибуҳронӣ таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он». – Душанбе, 2021. – С. 389-395.

[23-М]. ***Умарзода, С. У.*** Усулҳои омӯзиши асосҳои энергетикаи ҳастаӣ дар курси физикаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ / С.У. Умарзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Идоракунии

зиддибухронӣ таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он». – Душанбе, 2021. – С. 413-417.
[24-М]. ***Умарзода, С. У.*** Давраҳои тараққиёти криптография ва стеганография / С.У. Умарзода // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир консепсияҳо, воқеият ва дурнамо». – Душанбе, 2021. С. 404-414.
[25-М]. ***Умарзода, С. У.*** Тиҷорат дар интернет ва омилҳои тараққиёти тиҷорати электронӣ / С.У. Умарзода // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир консепсияҳо, воқеият ва дурнамо». – Душанбе, 2021. С. 414-422.
[26-М]. ***Умарзода, С. У.*** Ҳалли муодилаҳои квадратӣ дар забони барномасозии delphi / С.У. Умарзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 дар мавзӯи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф».– Душанбе, 2022. – С. 364-370.
[27-М]. ***Умарзода, С. У.*** Умумият ва фарқиятҳои забонҳои барномасозии Delphi ва Visual Basic / С.У. Умарзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». – Душанбе, 2022. – С. 371-377.

*Мубрамии мавзуи таҳқиқот.* Дар пешрафти замони муосир техникаву технологияҳои иттилоотӣ нақши назаррасро соҳиб буда, бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ (минбаъд – БКК) яке аз самтҳои босуръат инкишофёбанда ва шакли маъмули таъминоти барномавӣ ба шумор мераванд. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ на танҳо василаи дилхушиву фароғатанд, инчунин онҳо вобаста ба синнусол ҳамчун воситаи таълим низ маҳсуб меёбанд, ки тасдиқгари он теъдоди таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самтанд.

Истифодаи мувофиқи технологияҳо барои ташкилоту муассиса ва ширкатҳои соҳаҳои мухталиф воситаи ҳаётан муҳими ноил шудан ба муваффақиятҳо ва бохабар шудан аз дастовардҳои муосиртарини технологӣ дар бозор аст.

Дар ин раванд, муҳити мактаби олӣ низ истисно набуда, технологияҳои компютерӣ, аз ҷумла бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар он ҷо ба таври васеъ

истифода гардида, кисми технологияҳо барои дастгирии ҷараёни таълим ва сохтори он, бахусус дар ҳалли масъалаҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ба донишҷӯён барои таҳқиқ ва татбиқи донишҳои назариявии худ дар муҳити бехатари моделсозишуда, ки воқеиятро инъикос мекунад, имконият фароҳам меоранд.

*Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.* Дар таҳқиқотҳои хусусияти таърихию педагогидошта татбиқ ва истифодаи БКК дар ҷараёни таълим аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ шудааст:

– БКК-ро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии омӯзиши донишҳои таълимӣ Н.Л. Дёмкина, В.Б. Лабутин, О.В. Киселёва, О.Н. Москалёва, М.Г. Евдокимова ва дигарон таҳқиқ кардаанд;
– методикаи БКК-ро дар мактаби олии ҳарбӣ А.О. Рикун, А.А. Счисленок ва дигарон таҳия кардаанд;
– ҷанбаҳои алоҳидаи педагогии истифодаи БКК дар ҷараёни таълими мактаби олиро О.А. Бизикова, О.Р. Елмикеев, С.Б. Ткаченко ва дигарон таҳлил кардаанд.

Таърифҳои гуногуни мафҳуми бозӣ мавҷуданд, бозиҳо дар замону макони муайян сохта мешаванд, дар онҳо мувофиқи қоидаҳои муайян бозӣ мекунанд ва аз ҳисоби бозингарони худ гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

Бозиҳо аслан таърихи тӯлонӣ доранду ҳарчанд истифодабарандагон асосан бозиҳоро ҳамчун як воситаи фароғат баррасӣ мекунанд, вале бо вуҷуди ин онҳо ҳадафи таълимӣ низ дошта метавонанд. Бозиҳое, ки дар онҳо имкониятҳои таълимӣ (дар ҳама гуна шакл) аҳамияти аввалиндараҷа ва омили фароғатӣ аҳамияти дуюмдараҷа доранд, «бозиҳои ҷиддӣ» номида мешаванд, зеро ин бозиҳо таълиму тарбия медиҳанд ва сатҳи маълумотнокиро баланд мебардоранд. Таълим на танҳо аз назария ва амалия иборат аст, балки дар баробари он бозиҳои ҷиддиро барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии бозингарон дар баъзе масъалаҳо, масалан, дар бораи муҳити атроф, саломатӣ, андешаҳои сиёсӣ ва ғайра низ истифода бурдан мумкин аст.

*Навгониҳои илмии таҳқиқот:*

1. Мафҳуми сохтор ва моҳияти усулҳои истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо ба донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.
2. Имкониятҳои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию компютерии донишҷӯён бо истифодаи БКК дар муҳити иттилоотию таълимӣ муайян гардиданд.
3. Барои истифодаи БКК ва воситаҳои технологӣ дар реҷаҳои онлайн ва офлайн дар муҳити иттилоотию таълимӣ, инчунин технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамгирой бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

4. Шароитҳои педагогии истифодаи БКК (барномавию мазмунӣ, методӣ, шахсиятию инкишофдиҳанда, аксиологӣ ва таъминкунандаи самаранокӣ), ки ба мутобикгардонии ҷараёни омодагии донишҷӯён равона шудаанд, муайян гардиданд.

*Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.* Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар ҷаласаҳои факултети иқтисод ва идора (ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идоракунӣ дар соҳаи маориф)-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, матбуоти даврии педагогии вобаста ба мавзуи кори илмӣ, маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияҳо ба табъ расидаанд, маърузаю гузоришҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо, тренингҳои омӯзишӣ, дарсҳои назариявӣ-амалӣ ва дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ гардиданд.

*Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.* Муҳаққиқ дар доираи масъалаи таҳқиқшаванда 27 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 номгӯй дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурҳои таълимӣ-методӣ ба табъ расонидааст.

Илова ба ин, муҳтавои кори илмии мазкур дар конференсияҳои шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ва муҳокима гардидааст.

*Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.* Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва инчунин бахши «Замимаҳо» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 174 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 13 расму диаграмма ва 14 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 159 номгӯй мебошад.

Диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар талаботи муқаррарнамудаи бандҳои «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мебошад.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (30.09.2023, протоколи №6), дар бораи ба Умарзода Сафаралӣ Умар додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии шурои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар, иштирок доштанд 14 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм, ки ба ҳайси шуро дохил мешаванду дар ҷаласа иштирок доштанд, чунин овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бюлетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ Сатторов А.Э.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Ойматова Ҳ.Х.

Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ҶМ